ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна ба яке аз ҷанбаҳои то ҳол таҳқиқнашудаи медиалингвистика – забони барномаҳои радио, махсусан хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии он дар мисоли барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» бахшида шудааст. Пӯшида нест, ки дар ҷараёни таҳияи медиаматн журналист ҳамеша ба ифодаи дурусти матлаб, истифодаи саҳеҳ ва меъёрии воҳидҳои забон ниёз дорад. Дониш, маҳорат ва малакаи журналистӣ дар натиҷаи дониши мукаммали забонӣ, огоҳ будан аз воситаҳои муассири забон ва нутқ, қолабҳои иборасозию ҷумлабандӣ, донистани мавқеи истифодаи онҳо ба даст меояд. Махсусан, барои журналисти радио дониши мукаммали забонӣ аслиҳаи тавоноест, ки дар ҳолати бамаврид истифода бурдан ӯро ба мақсуд мерасонад, зеро наттоқи радио бо матни шифоҳӣ сари кор дорад ва барои дуруст расонидани матлаб ба шунаванда ӯ бояд дорои нутқи бурро ва ифоданок дошта бошад. Дар ҳолати нодуруст талаффуз кардани калима матлаби ӯ ба шунаванда номафҳум мемонад. Мубрамияти мавзуи диссертатсияи номзадии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** дар ин маврид роҳнамои хубест, зеро на танҳо ҷанбаи савтӣ, балки луғавию фразеологӣ низ ҳангоми таҳияи матн муҳим аст. Рисолаи мавриди тақриз таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои арзиши назариявию амалист.

Аҳамияти назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада то андозае ҷанбаҳои назарии забони ВАО-ро пурра карда, дар пайдо кардани маълумоти назариву амалӣ роҷеъ ба таърихи ташаккул, забон ва услуби барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ва амсоли ин ба муҳаққиқони ҷавон ёрмандӣ хоҳад кард.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таълими курсу семинарҳои махсус, корҳои амаливу лабораторӣ аз фанҳои медиалингвистика, лексикология, фразеология ва услубшиносӣ, таълифи дастури таълимӣ доир ба забони ВАО, тарбияи журналистони ҷавон, хоса ровиёни барномаҳои радиову телевизион, навиштани корҳои курсиву дипломӣ ва рисолаҳои хатм мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин чун мактаби маҳорати эҷодӣ барои журналистони ҷавон хоҳад буд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар асоси барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои забони зинда ва услуби он, риояи меъёри забон дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои забон таҳқиқ мешавад. Он кӯшиши аввалин

барои маънидод кардани унсурҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологӣ мебошад, ки дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» мушоҳида шудаанд. Дар рисола муаллиф дар ҷараёни таҳлили мавод дар истифодаи дуруст ва нодурусти воҳидҳои савтӣ, калимаву истилоҳот, категорияҳои семантикӣ ҳамеша меъёри забони адабиро ба инобат гирифта, то кадом андоза бамавқеъ, дуруст ва нишонрас кор фармуда шудани дурдонаҳои забонро аз нуқтаи назари медиалингвистика таҳқиқ кардааст.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисорахо, муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияту мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, самт ва объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардида, роҷеъ ба сарчашмаю методологияи пажӯҳиш маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** унвон дошта, фарогири ду фасл мебошад. Муаллифи рисола дар ин фаслҳо ба таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» таваҷҷуҳ намуда, хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро дар заминаи маводи барномаҳои раджио баррасӣ менамояд. Азбаски барномаҳои радио шифоҳан садо медиҳанд, дар ин маврид имкони ислоҳи ғалатҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин муаллиф дар ин қисмат падидаҳои овозии дар ҷараёни гуфтор бамиёномадаро таҳқиқ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **Хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»** фарогири чаҳор фаслу ҳашт зерфасл аст. Дар ин қисмати кор забони ВАО ҳамчун ҷузъи муҳимми забони адабӣ арзёбӣ гардида, таркиби луғавии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар онҳо, лексикаи умумиистеъмол, калимаҳои адабии китобӣ, мавқеи калимаҳои гуфтугӯйӣ, калимаҳои куҳна ва таърихӣ, категорияҳои семантикӣ, аз қабили калимаҳои сермаъно ва наздикталаффуз, хусусиятҳои услубии муродифот, мавқеи калимаҳои муқобилмаъно, хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ҳар кадоми ин фаслҳоро бодиққат таҳлил намуда, мавқеи дурусти истифодаи воҳидҳои забон ва бемавқеъ кор фармуда шудани онҳоро дар ин барномаҳо баррасӣ кардааст.

Натиҷаҳои илмии аз рисола бадастомада дар таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои мукаммал таҳқиқнашудаи масъалаҳои мухталифи медиалингвистикаи тоҷик, дар омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои баҳснок, таҳаввулот ва ҷараёни инкишофи он, таълими фанни забони ВАО дар

муассисаҳои олӣ, масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқу таълими медиалингвистика мусоидат менамояд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур ва тавсияҳои он ҳангоми таълиф ва таҳияи китобу дастуру васоити таълимӣ доир ба медиалингвистика, баргузории курсу семинарҳои махсус истифода шуда метавонад. Инчунин нуктаҳои муҳимтарини он ба китобҳои дарсию васоити ёрирасони таълими забони тоҷикӣ ворид гардида, як паҳлуи норавшани таълими забони модариро осон хоҳад кард.

Ин таҳқиқот дар оянда метавонад, ҳамчун рисолаи бунёдӣ барои корҳои илмии ба забони ВАО бахшидашуда, инкишофи нутқи равону ифоданок ба журналистон ва муҳаққиқони соҳа хизмат намояд. Аз натиҷаҳои таҳқиқот М.А. Мансурова дар конференсияи сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ суханронӣ карда, 7 мақола ба табъ расонидааст, ки 4-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Рисолаи мазкурро метавон бо боварӣ ба муҳокимаи аъзои шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Диссертатсияи номзадии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** кори баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:

доктори илми филология,

профессори кафедраи услубшиносӣ

ва таҳрири адабии ДМТ Мирзоева М.М.

«Имзои профессор М.М. Мирзоеваро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо

ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«07» 06 соли 2022